*ТДУ 21*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-4-117-126*

# *ПРОБЛЕМАҲОИ ВОРИДШАВИИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН БА НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ АВРУПОӢ*

***Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна,*** *унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забони англисии факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *ПРОБЛЕМЫ ИНТЕГРАЦИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА В ЕВРОПЕЙСКУЮ СИСТЕМУ ОБРАЗОВАНИЯ*

***Бабаджонова Мунира Юсуфджоновна,*** *соискатель кафедры методики преподавания английского языка факультета английского языка и восточных языков Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни (Таджикистан, Душанбе)*

# *PROBLEMS OF TAJIKISTAN EDUCATION ENTRY INTO THE EUROPEAN EDUCATION SYSTEM*

***Babajonova Munira Yusufjonovna,*** *Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Applicant for the department of the methodical teaching of English, faculty of English and oriental languages. Tajikistan, Dushanbe),* ***E-mail:*** *bmunirka88@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ:*** *проблема, маориф, Тоҷикистон, низом, таҳсилоти аврупоӣ, кредит, модели таҳсил, магистратура, мактаби олӣ*

*Мақола аҳамияти педагогӣ дошта дар он оид ба проблемаҳои воридшавии маорифи Тоҷикистон ба низоми таҳсилоти аврупоӣ сухан рафтааст. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ масъалаи мазкурро мариди баррасӣ қарор дода қайд намудааст, ки дар охири садаи бистум дар ҷаҳон як раванди нави махсуси рушди инсоният муқаррар гардид, ки он дар адабиёти илмӣ таҳти истилоҳи «ҷаҳонишавӣ» ё «глобализатсия» сабт шудааст. Ҷаҳонишавӣ хусусияти асосии низоми ҷаҳонии муосирро касб намуда, ба яке аз қувваҳои таъсирбахш табдил ёфт, ки ҷараёни минбаъдаи таърихи инсониятро пешгӯӣ мекунад. Мавҷудияти худро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият: дар иқтисодиёт, сиёсат, иҷтимоиёт, маориф, фарҳанг, экология, амният ва ғайра нишон додааст. Муаллиф ҳадафи асосии ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилро дар низоми маорифи Тоҷикистон баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ҷавони соҳибихтисос медонад, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд. Бояд қайд намуд, ки дар мақола низоми кредитии таълим маъмултарин модели таҳсил дар ҷаҳон дониста шуда, муаллиф онро ба низомҳои таълимии Аврупо ва ИМА мутобиқ медонад. Ва илова менамояд, ки низоми маорифи Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ташаккули ин модел дар кишвар қарор дорад. Аз ин лиҳоз, дар Тоҷикистон масъалаи ҳамгироии мутобиқи низоми таҳсилоти кредитӣ бо низоми таҳсилоти миллӣ муҳим ба шумор меравад.*

***Ключевые слова:*** *проблема, образование, Таджикистан, система, европейское образование, кредит, модель образования, магистратура, высшая школа*

*Статья имеет педагогическое значение, в ней говорится о проблемах интеграции таджикского образования в европейскую систему образования. Используя научные источники, автор сделал данный вопрос предметом обсуждения и отметил, что в конце XX века в мире установился новый особый процесс развития человечества, который зафиксирован в научной литературе под термином «глобализация». Глобализация стала главной чертой современной мировой системы и стала одной из наиболее влиятельных сил, предсказывающих дальнейший ход человеческой истории. Она проявила свое присутствие во всех сферах общественной жизни: экономике, политике, социальной сфере, образовании, культуре, экологии, безопасности и т.д. Автор считает, что основной целью внедрения кредитной системы образования в систему образования Таджикистана является повышение качества образования и подготовка молодых квалифицированных кадров, отвечающих требованиям рынка труда. Следует отметить, что в статье кредитная система образования рассматривается как самая популярная модель образования в мире и автор считает ее совместимой с образовательными системами Европы и США, хотя система образования Таджикистана пока находится на этапе формирования этой модели в стране. С этой точки зрения в Таджикистане важным считается вопрос правильной интеграции кредитной системы образования с национальной системой образования.*

***Key words:*** *problem, education, Tajikistan, system, European education, credit, education model, master's degree, higher school*

*The article has a pedagogical significance, it talks about the problems of the integration of Tajik education into the European education system. Using scientific sources, the author made this issue a subject for discussion and noted that at the end of the twentieth century, a new special process of human development was established in the world, which is recorded in the scientific literature under the term «globalization». Globalization has become the main feature of the modern world system and has become one of the most influential forces predicting the future course of human history. It has shown its presence in all spheres of public life: economy, politics, social affairs, education, culture, ecology, security, etc. The author believes that the main goal of introducing the credit system of education in the education system of Tajikistan is to increase the quality of education and training of young qualified personnel to meet the requirements of the labor market. It should be noted that in the article, the credit system of education is considered to be the most popular model of education in the world, and the author considers it compatible with the educational systems of Europe and the USA. And he adds that the education system of Tajikistan is still at the stage of forming this model in the country. From this point of view, the issue of proper integration of the credit education system with the national education system is considered important in Tajikistan.*

Дар охири садаи бистум дар ҷаҳон як раванди нави махсуси рушди инсоният муқаррар гардид, ки он дар адабиёти илмӣ таҳти истилоҳи «ҷаҳонишавӣ» ё «глобализатсия» сабт шудааст. Ҷаҳонишавӣ хусусияти асосии низоми ҷаҳонии муосирро касб намуда, ба яке аз қувваҳои таъсирбахш табдил ёфт, ки ҷараёни минбаъдаи таърихи инсониятро пешгӯӣ мекунад. Мавҷудияти худро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият: дар иқтисодиёт, сиёсат, иҷтимоиёт, маориф, фарҳанг, экология, амният ва ғайра нишон додааст.

Ҷаҳонишавӣ аз ҷониби мутахассисони фалсафаи иҷтимоӣ ҳамчун «таъсири рӯзафзуни равандҳои умумибашарӣба сарнавишти кишварҳо ва халқҳои алоҳида» маънидод карда мешавад [3, с. 20]. Масалан, Добренков ҷаҳонишавиро низоми бисёрсатҳӣ ва бисёрҷонибаи зуҳуроти гуногуни ҳамгирой, аз қабили муошırати ҷаҳонӣ, иқтисодиёт, сиёсат, маориф, фарҳанг, илм, забон, тарзи ҳаёт мефаҳмад [1, с. 4]. Э.С. Демиденко дар асоси ғояҳои В. Вернадский, Э. Лаура, П. Тейхард де Шарден дар бораи олами заминии ноосферӣ ақида дорад, ки ин ҷаҳон пас аз тағйироти биосферӣ сунъӣ мешавад. Инро бояд низомҳои маорифи муосир бо роҳи бунёди низоми амалию умедбахши таълим ва тарбияи насли наврас ба инобат гиранд [2, с. 85]. Пеш аз ҳама, дар хотир бояд дошт, ки мафҳуми «глобализатсия» дар шакли этимологӣ аз калимаи лотинии «globe» гирифта шуда, дар тарҷума маънои онро дорад, ки тамоми равандҳои дар ҷаҳон зуҳуркунандаи иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ, фарҳангӣ ва ғайра таъсири мутақобила касб карда,ҳамдигарро такмил медиҳанд.

Оид ба моҳият ва оқибатҳои ҷаҳонишавӣ дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногуни дорои хусусияти оптимистӣ ва пессимистӣ баён шудаанд. Тавре Р. Назаров қайд мекунад: Оптимистҳо ҷаҳонишавиро ҳамчун падидаи ногузир ва объективӣ муайян карда, самт ва дурнамои онро бештар мусбат ҳисоб мешуморанд. Ҷанбаҳои мусбати ҷаҳонишавӣ ба таври якҷониба амал карда, паҳлӯҳои манфии он хомӯшона ба ҳаракат медароянд [4,с.196]. Пессимистҳо ба оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ, майл надоштани давлатҳои зиёд ба иштирок дар ин раванд ва мавҷуд набудани чунин зарурат таваҷҷуҳ доранд. Ин нуқтаи назар бевосита мухолифи диди оптимистӣ аст [4, с. 196]. Тавре муҳаққиқи тоҷик Р.Ҳайдаров менависад, ҷаҳоншавӣ бо инкори комил ва беасос фош мешавад. Он, аз як тараф, воқеияти объективии иҷтимоиро инъикос намояд, аз тарафи дигар, онро таҳриф мекунад [10, с. 168-169].

Воқеан, имрӯз пайомадҳои мусбату манфии раванди ҷаҳонишавӣ зиндагии моро ба ин падида вобаста кардаанд. Ба эътиқоди бархе аз пажӯҳишгарон, ҷаҳонишавӣ падидаи нав набуда, таърихан аз замонҳои қадим вуҷуд дошт ва дар ҷараёни таърих рушду такмилро аз сар гузаронд.

Муҳаққиқи рус В.Я Нечаев се давраи ҷаҳонишавиро муайян кардааст, ки ҳар як давра ҳазор солро дар бар мегирад.

Давраи аввали ҷаҳонишавӣ ба давраи пайдоиши динҳои ҷаҳонӣ дар ибтидои эраи мо дахл дорад. Давраи дуюм ба зуҳуроти аввалин мактабҳои олӣ, яъне ба ибтидои ҳазорсолаи дуюм мансуб аст. Давраи сеюм ба замони ҳозира, яъне ба давраи пайдоиши интернет ва шабакаҳои иттилооту коммуникатсия марбут аст [6, с. 27-34].

Раванди ҷаҳонишавӣ ҷомеа ва муассисаҳои ҷамъиятиро ҳаматарафа фаро мегирад. Дар низоми маориф ҷаҳонишавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шудани низомҳои таълимии бисёр кишварҳо мебошад.

Имрӯз дар низоми маориф майли ҷаҳонишавӣ дар дохили худи низом мушоҳида мешавад. Мафҳуми ҷаҳонишавӣ дар низоми маориф инҳоро дар бар мегирад:

- стандарти ягонаи таълимӣ барои ҳамаи касбҳо;
- забони ягонаи илмӣ;
- мавҷудияти классикони умумӣ дар илмҳои алоҳида;
- вазифаҳои умумии маориф ҳамчун мақомоти давлатӣ;
- ташаккули муносибати салоҳиятнок ба таълим.

Бояд қайд кард, ки ҳар як низоми маориф ба арзишҳои фарҳангӣ, анъанавӣ ва миллӣ, ки решаҳои қавии таърихӣ доранд, зич алоқаманд аст.

Ҷанбаи мусбати ҷаҳонишавӣ дар соҳаи маориф дар он аст, ки ин падида ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва инчунин омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботҳои бозори ҷаҳонии меҳнат таъсири мусбат мерасонад.

Дар баробари ин, ҷаҳонишавӣ ба тарбияи анъанавии миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҷумла, баъзан ба таълими анъанавӣ зарбаи ҷиддӣ мезанад, ки дар натиҷанигоҳ доштани якпорчагии он душвор мегардад. Тавре муҳаққиқ Р. Назаров қайд мекунад,ҷаҳоншавӣ, аз як тараф, раванди объективӣ бошад, аз тарафи дигар, раванди субъективӣ аст. Мусаллам аст, ки Тоҷикистон наметавонад аз ширкат дар равандҳои ҷаҳонишавӣ канорагирӣ кунад, аммо вазифаи асосӣ ҳифзи ҳувият, моҳияти фарҳангсоз ва тафаккури шахсият мебошад [4, с. 198].

Ҳамин тавр, сарфи назар аз ҷанбаҳои мусбат ва манфии ҷаҳонишавӣ, мехоҳем қайд намоем, ки ин раванд бебозгашт нест ва мо,хоҳем-нахоҳем, дер ё зуд ҳамаи кишварҳоро ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ҷалб менамояд.

Низоми маорифи аврупоӣ, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон доман паҳн карда истодааст, дар ислоҳоти соҳаи маорифи асри 21 афзалият дорад. Барои Тоҷикистон яке аз падидаҳои тақдирсози ҷаҳонишавӣ дар асри 21 ворид шудани Тоҷикистон ба фазои умумии таҳсилоти аврупоӣ аст. Ҷанбаҳои мусбату манфии ин раванд бояд бо назардошти стратегияи умумии Тоҷикистон дар робита ба ҷаҳонишавӣ муайян карда шаванд.

Тавре қайд карда будем, мақсади гузариш ба низоми Болония кӯшиши пайвастан ба стандартҳои аврупоии таҳсилот ва барои мутахассисони тоҷик дар ҷаҳон роҳ кушодан аст. Ғайр аз ин, пайвастан ба раванди Болония имкони иштироки донишгоҳҳои Тоҷикистонро дар лоиҳаҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи таҳсилро ба донишҷӯён дар донишгоҳҳои Аврупо фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, ворид шудани низоми маорифи Тоҷикистон ба раванди Болония тақозои замон аст.

Вале, ба андешаи мутахассисони соҳа, раванди Болония ҷиҳатҳои манфӣ низ дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки замоне мо як сохтори қавии таълимии шӯравиро доштем, ки дар ҷаҳон ҳамчун яке аз муваффақтарин сохтор эътироф шудааст. Гузаштан ба раванди Болония маънои онро дорад, ки мо аз таҷрибаи беназири тӯлонии даҳсолаҳо ҷамъшуда даст кашида, ба таҷрибаи аврупоӣ мегузарем.

Баъдан, вақт барои таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ коҳиш хоҳад ёфт, ки ин, бешубҳа, ба сифати таҳсил бетаъсир намемонад. Илова бар ин, пас аз хатми зинаи бакалавр бисёре аз хатмкунандагон таҳсили худро дар зинаи дуюми таҳсилот, яъне магистратура идома намедиҳанд. Дар ин ҳолат онҳо танҳо дониши ибтидоӣ мегиранд, ки баъдан дар амал барои онҳо кофӣ нахоҳад буд.

Сеюм ҷиҳати манфии ин раванд худомӯзӣ ва мустақилияти донишҷӯён аст. Худомӯзӣ маънои коҳиш додани соатҳои аудиторӣ ва зиёд намудани вақти тайёриро дорад. Чаро ин ҷиҳати мусбат нею манфист? Зеро ба гумон аст, ки донишҷӯ бештари вақти холии худро бо мақсади таъйиншуда, яъне барои таҳсил истифода барад.

Дигар ҷиҳати манфии ин раванд он аст, ки бисёре аз ҳадафҳои он ба кишварҳои пешрафта нигаронида шудаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мутахассисоне, ки омода мегарданд, барои дарёфти кор бо маоши баланд ва шароити хуби корӣ ба кишварҳои тараққикарда хоҳанд рафт, ки ин боиси аз даст додани мутахассисони болаёқат мегардад.

Ғояи ташкил намудани сохтори ягонаи аврупоӣ самарабахш ва ба шароити ҳозира мувофиқ бошад ҳам, аммо татбиқи ин сохтор вобаста ба минтақаҳо ҳанӯз ҳам такмилталаб аст [12].

Зимнан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таҳсилоти сезинагӣ дар сатҳи қонунгузорӣқабул шудааст: бакалавр, магистратура ва докторантура (PhD). Инчунин аз рӯи низоми кредитии таълим мониторинги сифати дониши донишҷӯён ҷорӣ карда шудааст.

Низоми кредитии таълим маъмултарин модели таҳсилот дар ҷаҳон мебошад. Он ба низомҳои таълимии Аврупо ва ИМА мутобиқ гардонда шудааст. Мутаассифона, дар Тоҷикистон ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти аврупоӣ (Болония) бо мушкилоти зиёде рӯбарӯ шуд. Аз ин лиҳоз, дар Тоҷикистон таъмини ҳамгироии самараноки низоми таҳсилоти аврупоӣ бо таҳсилоти анъанавӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар ҳоли ҳозир низоми маорифи Тоҷикистон ногузир бояд ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ воридшавад, ки аз ин ҷиҳат масъалаи баланд бардоштани сатҳи донишу маҳорат ва малакаҳои олимону омӯзгорон ва донишҷӯёнро мувофиқи талаботҳои муосир ҳал кардан лозим аст.

Ҳолатиҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот дар таҳқиқоти Д.Сангинова мавриди таҳлил қарор гирифта, муҳаққиқ мушкилиҳои асосии низоми маорифи Тоҷикистонро, ки ҳангоми ислоҳоти соҳа ба онҳо таваҷҷуҳи хоса додан лозим аст,ба таври зайл муайян намуд [8, с. 13]:

- номутобиқ будани низоми мавҷудаи идоракунии маориф ба технологияҳои муосири таълим, ки истифодаи бесамари захираҳоро дар истеҳсолот пешакӣ муайян мекунад;
- сатҳи пасти омодагӣ дар зинаҳои ибтидоӣ ва миёнаи таҳсилот, ки боиси паст шудани сифати таълим дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот мегардад;
- нокифоя будани маоши муаллимони мактабҳои миёна, ки боиси норасоии доимии кадрҳои педагогии соҳибихтисос, бахусус аз фанҳои табиӣ, забонҳои русӣ ва англисӣ дар деҳот мегардад;
- дониши нокифояи омӯзгорон дар бораи усулҳои муосири таълим ва нокифоя будани маводи таълимию методӣ;
- ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани таҷҳизоти таълимии мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ, бо назардошти фарсудашавии маънавию ҷисмонии онҳо;
- истифодаи сусти технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим, аз ҷумла дастрасӣ ба интернет ва истифодаи воситаҳои аудиоӣ, видеоӣ ва электронии таълимба сабаби маҳдудиятҳо дар таъмини қувваи барқ.

Аз нигоҳи мо, мушкилиҳоеро, ки дар низоми маорифи Тоҷикистон вуҷуд доранд, тадриҷан бартараф карда, ба татбиқинизоми таҳсилоти аврупоӣмусоидат кардан мумкин аст, ки ин дар ниҳоят ба баланд бардоштани сифати таълимшароиту имкониятҳоро фароҳам меорад. Тавре маълум аст, беш аз 70 фоизи аҳолии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекунанд, бинобар ин, ба талаботҳои муосир ҷавобгӯ набудани заминаи моддию техникӣ, мушкилиҳо дар амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ ва истифодаи воситаҳои электронии таълим ба сабаби маҳдудиятҳо дар таъмини қувваи барқ омили табиист.

Принсипҳои асосии низоми маорифи аврупоӣ инҳоянд:

- ноил шудан ба шаффофияти байналмилалии низомҳои мавҷудаи миллии маориф, яъне ҳадаф аз он иборат аст, ки ба одамон имкони гирифтани маълумот дар замону макони барои онҳо мувофиқ, фароҳам оварда шавад;
- мутобиқат ба ҳама гуна низоми таҳсилоти миллӣ;
- татбиқшаванда будан ҳама намудҳо ва шаклҳои таҳсилоти олӣ (рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ);
- имконияти интиқоли кредитҳои байналмилалӣ;
- мутобиқати дипломҳо ба шаклҳои аврупоии дипломҳо;
- иштироки шахсии ҳар як донишҷӯ дар таҳияи барномаи инфиродии таълимӣ;
- озодии интихоби фанҳои дар нақшаи таълимӣ пешбинишуда;
- истифодаи низоми холӣ (баллӣ) барои баҳодиҳии пешрафт;
- имконияти интиқоли кредит аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигараш;
- гузаштан ба низоми ягонаи таълим (технологияи кредитии таълим ва гузаштан ба низоми холиибаҳодиҳии фаъолияти таълимӣ - ECTS (European Credit Transfer Sistem);
- аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ;
- гузаштан ба низоми зинагии таҳсилоти олӣ: бакалавриат, магистратура ва докторантура (PhD);
- новобастагиимактаби олӣ ва фаъолияти он ба давлат, бахусус аз ҷиҳати идоракунӣ ва маблағгузории раванди таълим.

Муҳаққиқ Р. Назаров қайд мекунад, ки принсипи таҳсил дар низоми Болония бағайр аз принсипи классикии таҳсил чизе беш нест, ки формулаи асосии он «омӯз, омӯз ва боз омӯз» аст. Ин раванди таълим, ки ба амалия ва истеҳсолот зич алоқаманд аст, ба такмили худшиносии шахс фаъолона таъсир мерасонад. Ҳадафи асосии низоми Болония ташаккули принсипи салоҳият дар раванди таълим мебошад. Низоми Болония майлу рағбати донишҷӯро ба андӯхтани дониш, малака ва маҳорат инкишоф дода, ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ҷараёни интихоб намудани дониш ва қабули қарор мустақил бошад. Дар низоми анъанавӣ омӯзгор ҳамчун лектор ва дар ин ҷо ҳамчун машваратчӣ (тренер) ва роҳнамо амал мекунад. Пеш аз ҳама, ба донишҷӯ дар оғози ҳар як курс озодии интихоби фанҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва ҳатто омӯзгорон дода мешавад, донишҷӯ барномаи корӣ (силлабусҳо)-ро бо маҷмӯи пурраи саволҳо, вазифаҳо ва тестҳо барои санҷиши худ мегирад, сатҳи дониш, малакаю маҳорати худро такмил медиҳад ва ғайра. Омӯзгор дар ҷараёни таҳсил ба таври инноватсионӣ фаъолият намуда, танҳо ба сифати мушовир баромад карда, кори шогирдро роҳнамоӣ ва ислоҳ мекунад, ки бори асосии гирифтани маълумот ба зиммаи донишҷӯ меафтад. Ӯ имкон пайдо мекунад, ки аз фанҳои ҳатмӣ ва фанҳои интихобӣна дар назди омӯзгор, балки мустақилона аз мониторинги компютерӣ гузарад.

Омӯзгор модулҳо, барномаҳоро месозад, нуктаҳои асосии мавзӯъро шарҳ медиҳад ва ба донишҷӯён маводи таълимӣ медиҳад, яъне аз лектор ба мушовир табдил меёбад [5, с. 68-85].

Зарурати гузариш ба низоми аврупоии таҳсил дар мактабҳои олии Тоҷикистон дар он аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ мутахассис дар бозори меҳнат ҳамчун «маҳсулоти асосӣ» баромад мекунад ва ӯ бояд талаботи ин бозорро қонеъ гардонад. Меъёрҳои асосии рақобатпазирии мутахассис дар бозори меҳнат аз рӯи фаъолияти ӯ муайян карда мешавад. Таҳлили тамоюли инкишофи талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат нишон медиҳад, ки сабаби афзудани динамикаи муҳоҷират проблемаи мутобиқ ба талаботи технология ва пешрафти илмӣ омодасозии кадрҳои коргарӣ дар мадди аввал меистад. Аз ин рӯ, вобаста ба ин зарурат стандартҳои таълимро такмил додан лозим аст, то ин ки мувофиқи онҳо мутахассисониҷавонон ҷавобгӯ ба талаботҳои бозори меҳнат омода гардида, ба тағйирёбии он аксуламали фаврӣ нишон дода тавонанд.

Бояд гуфт, ки татбиқи раванди Болония дар Тоҷикистон якранг аст. Аз лаҳзаи муаррифӣ шуданаш то имрӯз дар байни омӯзгорон тарафдорону мухолифони он вуҷуд доранд. Мухолифони он низоми суннатии маорифи шӯравиро барои марҳилаи кунунии рушди маорифи Тоҷикистон бештар қобили қабул медонанд. Тарафдорони таҳсилоти аврупоӣ бар ин назаранд, ки дар воқеияти нави рушди ҷомеаи Тоҷикистон низоми кӯҳнаи шӯравии таҳсилот ба ниёзҳои имрӯза ҷавоб дода наметавонад ва низоми нав, ки барои шароити иқтисоди бозорӣ тарҳрезӣ шудааст, муассиртар аст. Масалан, тарафдорони низоми нав, муҳаққикони тоҷик Д.Н. Сангинова ва Н. Салимов қайд мекунанд, ки низоми таҳсилоти шӯравии ҷумҳуриҳоло дар бозори байналмилалии меҳнат омодасозии мутахассисони соҳибкасб ва рақобатпазирро таъмин карда наметавонад, зеро:

1. Миқдори зиёди маводи таълимӣ, тағйирнопазирӣ ва мураккабии барномаҳои таълимӣ ба омӯзгор имкон намедиҳад, ки қобилият ва маҳорати худро дар дарс истифода барад. Илова бар ин, қариб 90% фанҳои омӯхташуда мустақилияти донишҷӯро маҳдуд мекунанд;
2. Номукаммалии низоми назорат ва қабули кори мустақилонаи донишҷӯён ҳисси масъулиятшиносии онҳоро ҳангоми машғулиятҳои беруназсинфӣ паст мекунад;
3. Усули анъанавии супоридани имтиҳонҳо қобилияти муайян кардани сатҳи дониши донишҷӯёнро надорад.
4. Мутобиқ набудани нақшаҳои таълимӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ки барои дар оянда дар давлатҳои хориҷӣкор кардан метавонад мушкилиҳоро ба миён орад [9, с. 31-32].

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар дар соҳаи таҳсилоти аврупоӣ ба хулосае омад, ки низоми кредитии таҳсил дар айни замон зарур буда, барои ба таври васеъ ҷорӣ намудани он дар низоми таълим, дар асоси баҳисобгирии шароиту имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дастур дод.

Дар солҳои аввали воридшавӣ ба низоми Болония душвориҳои зиёд вуҷуд доштанд. Дар байни донишҷӯён ва омӯзгоронҳар гуна ихтилоф ва норозигӣ ба амал омад. Базаи сусти моддию техникии мактабҳои олӣ барои бомуваффақият ҷорӣ намудани низоми нав халал мерасонд. Дохилшавии низоми маорифи Тоҷикистон ба таҳсилоти аврупоӣ (Болония) бо як

қатор сабабҳои дорои хусусияти объективӣ ва субъективӣ якмаъно сурат намегирад. Низоми нав ҳамеша ба шикастани низоми кухна ва ивазшавии низоми кухна ба низоми нав алоқаманд аст. Ин раванди табиии муборизаи байни нав ва кухна махсусан дар тағйири ҷойҳо равшан зоҳир мегардад. Мақом ва тафаккури омӯзгор дар шароити муосири давраи гузариш ва тамоми ҳодисаҳое, ки аз ин мубориза бармеоянд, баҳам алоқаманд мебошанд. Аксари омӯзгорони мактабҳои миёнава устодони мактабҳои олии Тоҷикистон (ва шояд дар тамоми кишварҳои пасошӯравӣ) дар шаклу усулҳои классикии таълиму таҳсил кардаанд, бинобар ин, мақому тафаккури онҳо ба принсипҳои таҳсилоти шӯравӣ вобастагии зич дорад. Омӯзгорон субъекти асосии раванди таълим буданд, ки иҷрои вазифаи асосии таълиму тарбия ба зиммаи онҳо гузошта шуда буд. Онҳо ба ҳар як дарс бодиққат тайёрӣ медиданд, дарсҳоро ба нақша гирифта, мегузарониданд, ба саволҳои сершумори донишомӯзон ҷавоб медоданд, дараҷаи дониши онҳоро месанҷиданд,сатҳу сифати иҷрои супоришҳои хонагиро месанҷиданд, имтиҳон мегирифтанд ва ғайра. Шогирдон дар симои муаллим шахси тавоно ва донишмандеро медиданд, ки ба ӯ такя кардан мумкин аст ва муаллимро ҳамчун намунаи ибрат ва идеали зиндагӣқабул мекарданд. Дар муқоиса бо таълими классикӣ, низоми маорифи постмодернӣ - аврупоӣ (Болония) ҷой, мақом ва ҳувияти омӯзгорро дар низоми маориф тағйир дод. Дар низоми маорифи аврупоӣ, ки дар зери таъсири фалсафаи позитивистии маориф ташаккул ёфтааст, бори асосии таълим ба зиммаи худи донишҷӯ гузошта мешавад ва омӯзгор аз омили асосии таълим ба миёнарав табдил меёбад. Ӯ бояд донишҷӯро дар ҷараёни таълиму тарбия роҳнамоӣ карда, маслиҳату машварат диҳад, яъне аз лектор ва омӯзгор ба мушовир (мураббӣ) иваз шавад. Ҳамаи меъёрҳои рафтори дохилимактабӣ ва дараҷабандии арзишҳои ахлоқӣ тағйир меёбанд.

Дар Тоҷикистон низоми маориф, ки таърихи ҳазорсола дошта, бо анъанаҳои хоси худ, ки дар муносибатҳои чандинасраи омӯзгор - шогирдон асос ёфтааст, ин падида ба ҳолати маънавию равонии ҳам омӯзгорон ва ҳам донишҷӯён таъсири манфӣ расонда метавонад. Тасаввур кунед, профессоре, ки собиқаи чандинсолаи омӯзгорӣ ва аз фанни худ дониши бунёдӣдорад, ногаҳон аз лектори фаъол ба мушовир табдил меёбад ва чунин таассурот пайдо мешаавад, ки дониши академии ӯ тамоман лозим нест. Ғайр аз ин, профессор-омӯзгор барои имтиҳонҳо бояд қариб ҳар рӯз конспектҳо, тестҳо тайёр кунад ва супоришҳои сершумори кори мустақилонаи донишҷӯёнро назорат намояд. Ӯҳар рӯз ба ин машғулият қувваю вақти зиёде сарф мекунад, барои илму фаъолияти эҷодӣ на вақт мемонад, на қувва. Аз ин рӯ, онҳо ин гузаришро манфӣ қабул мекунанд. Айнӣ замон ҳам онҳо асосан мухолифи низоми нав буда, дар ислоҳоти низоми маориф ғайрифаъолона иштирок мекунанд. Амалия нишон дод: то замоне, ки субъектҳои асосии маориф, яъне омӯзгорони мактабҳои миёна ва устодони мактабҳои олӣ ба принсипу нақш ва мавқеи нав дар низоми таҳсилоти аврупоӣ (Болония) дарнизоми маорифи Тоҷикистон сарфаҳм нараванд, низоми аврупоӣ проблеманок боқӣ мемонад.

Мушкили навбатии воридшавии низоми маорифи Тоҷикистон ба низоми аврупоӣ ҳадаф ва хусусиятҳои асосии модели аврупоии таҳсилот мебошад. Модели аврупоии таълим ба ташаккули салоҳият дар донишомӯзон ва муносибати салоҳиятнок ба таълим нигаронида шудааст. Идеяи равиши салоҳиятдоре, ки файласуфи маъруфи маориф Ҷон Дюи дар солҳои 30-юми асри XX пешниҳод карда буд, ҳоло на танҳо дар ИМА ва Канада, балки дар кишварҳои Аврупо дар низомҳои маорифи онҳо ҷой гирифтааст. Муносибати салоҳиятнок ба ташаккули малакаи кори мустақилона аз рӯи маводи таълимӣ, ба мустақилона ҳал кардани масъалаҳо ва ба такмили мунтазами дониш ва малакаи донишомӯзон нигаронида шудааст. Дар воқеъ, дастоварди маҳорати донишомӯзон барои омӯзгор, одат кардан ба модели классикии таълим, ки гузаронидани дарс ва лексияҳои стандартӣ анъанавӣ аст, дигаргунии мураккаби психологию педагогии худи омӯзгор мегардад.

Ба донишомӯз (объект) барои мустақилона аз ҷиҳати дидактикӣ азхуд намудани донишҳои илмӣ, додани вазифаҳои асосии омӯзгор ҳамчун таълимӣ моҳияти ба худ хос дорад, махсусан барои он омӯзгороне, ки ба модели классикии таълим одат кардаанд, кори душвор аст. Гузариш аз омӯзгор (лектор) ба мушовир (мурработӣ) раванди мураккабест, махсусан дар воқеияти Тоҷикистон, ки низоми маорифи он таърихи бисёрасраи фаъолият бо анъанаҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраршуда дорад, омӯзгор - устод дар сохтори иҷтимоии ҷомеа нақши асосию шарафмандро мебозад. Аз байн рафтани мақоми пештара ва тағйир ёфтани мавқеъ ва нақши муаллим дар шароити устувори маорифи суннатии Тоҷикистон таъсири манфӣ гузошта метавонад.

Талаботи навбатии низоми таҳсилоти аврупоӣ ташаккул додани принсипи низоми доимӣ ва ҳамаҷонибаи мониторинги сифати таълим мебошад. Мониторинги сифати таълим аз рӯи чунин модели аврупоии таҳсилот амалӣ карда мешавад:

• Баҳодиҳӣ аз ҷониби худи донишҷӯён ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар моҳ ва дар охири ҳар як семестр. Ин раванд тавассути воҳидҳои кредитӣ амалӣ карда мешавад, ки дар он донишҷӯ аз рӯи ҳар як шакли фаъолият барои таҳияи маводи таълимӣ хол мегирад. Аз рӯи натиҷаҳои холҳои гирифтааш донишҷӯ ба фаъолияти таълимӣ ва сифати дониши худ баҳо медиҳад.

• Муаллим сатҳи пешрафти дониши донишҷӯёнро тавассути баҳодиҳии дониши онҳо аз рӯи маводи додашуда ҳар рӯз, ҳарҳафта, ҳар моҳ ва дар охири семестр назорат мекунад. Бояд гуфт, ки баҳодиҳии дониши ошкоршуда тавассути тестҳо дар мониторҳои компютерӣ бе дахолати омӯзгор сурат мегирад.

• Мониторинги муассисаи таълимӣ тавассути таҳлили мунтазам, ки аз тарафи Шуъбаи назорати сифати дониши шунавандагон, тавассути санҷишҳои гуногуне, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Маркази мониторинги сифати таълим муқаррар ва тавсия карда мешаванд, амалӣ мегардад. Муассисаи таълимӣ аслан назорати асосии тамоми раванди мониторинги сифати таълимро ба зиммаи худ мегирад.

• Корфармоён дар низоми маорифи аврупоӣ, ҳамчун фармоишгарони асосии мутахассисон дар таҳияи стандартҳо ва нақшаҳои таълимӣ иштирок намуда, ба сифати таълим дар амалия, яъне дар истеҳсолот баҳо медиҳанд. Дар асоси натиҷаҳои мониторинги сифати таълим аз ҷониби корфармоён стандартҳо ва нақшаҳои муассисаҳои таълимӣ пайваста ислоҳ гардида, такмил дода мешаванд.

• Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии (мактабҳо, коллеҷҳо, гимназияҳо ва ғайра) дар низоми маорифи аврупоӣ нақш ва мавқеи ассотсиатсияҳои падару модарон ва омӯзгорон бузург аст. Ин ташкилот алоқаи доимии падару модаронро бо мактаб ва омӯзгорон таъмин менамояд. Фаъолияти якҷояи падару модарон ва омӯзгорон дар бобати баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи донишомӯзон самараи дилхоҳ медиҳад. Аз ин рӯ, волидоне, ки ба инкишофи босифати фарзанди худ таваҷҷуҳ доранд, дар назорати сифати таълим дар раванди таҳсилот фаъол мебошанд.

Ин талаботи низоми таҳсилотиаврупоӣ оид ба назорати сифати таҳсилот дар Тоҷикистон ҳанӯз пурра дарк нашудааст ва он қисман амалӣ мешавад. Дар соҳаи таҳсилоти умумӣ ва аксармактабҳои олии кишвар модели аврупоии мониторинги сифати таълим вуҷуд надорад. Мониторинги сифати таълим аз рӯи модели тасдиқшудаи шӯравии назорат ва санҷиш аз ҷониби кафедраҳои мактабҳои олӣ оид ба усулҳои омории коркард ва таҳлили иттилоот амалӣ карда мешавад. Масалан, дар шароити ворид шудан ба низоми таҳсилоти аврупоӣ ба муайян кардани сабабҳои паст шудани сифати таълим ва роҳҳои бартараф намудани онҳо диққат дода мешавад.

Принсипи навбатии низоми таҳсилоти аврупоӣ (Болония) ҳаракати омӯзгорон ва донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад, ки Созишномаи Болонияро имзо кардаанд. Ҳаракати омӯзгорон, аз як тараф, мақсади баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорони дигар донишгоҳҳоро дошта бошад, аз тарафи дигар, таҳсили донишҷӯён бо даъват дар донишгоҳҳои кишварҳои ба Шартномаи мазкур дохилшуда таъмин карда мешавад. Татбиқи ин раванд дар Тоҷикистон ба чанд сабаб мушкил аст. Аввалан, дар шароити бухрони умумии иқтисодӣ бисёре аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба сабаби надоштани маблағ наметавонанд омӯзгорони худро барои таҷрибаомӯзӣ ба кишварҳои дигар фиристанд. Набудани механизми иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, монеаҳои забонӣ ва маҳбубияти омӯзгорони варзида ва обрӯманд дар Тоҷикистон имкон намедиҳад, ки сафарбарии омӯзгорони лаёқатманд барои тадрис ба шогирдону донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии кишварҳои дигар таъмин карда шавад.

Ҳаракати донишҷӯён дар Тоҷикистон ба далели набудани механизми иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, монеаҳои забонӣ ва як қатор омилҳои дигар ҳоло тақрибан ба сифр баробар шудааст. Баъзе робитаҳо ва дастрасии донишҷӯёни тоҷик дар донишгоҳҳои Россия, Беларус ва Чин вуҷуд доранд. Аммо тамоюли умумии ҳаракати доимии донишҷӯён дар мамлакат ҳанӯз шакл нагирифтааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса баровард, ки воридшавии низоми маорифи Тоҷикистон ба низоми таҳсилоти аврупоӣ (Болония) ба ҳалли мушкилиҳои зиёди дорои хусусияти объективӣ ва субъективӣ алоқаманд аст.

Дар Тоҷикистон низоми таҳсилоти аврупоӣ (Болония) худро ҳамчун низоми таҳсилоти кредитӣ муаррифӣ кардааст. Таҳлил кардан бамаврид аст, ки дар байни низоми анъанавӣ ва кредитии таҳсилот чӣ фарқият вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, афзалияти низоми нави кредитиро қайд кардан лозим аст.

Низоми кредитии таҳсил дар муқоиса бо таълими анъанавӣ бартариҳои зерин дорад:

- иштироки бевоситаи донишҷӯ дар тартиб додани нақшаи воқеии таълим ва муайян намудани самтҳои асосии он дар тамоми давраи таҳсил;
- фароҳам овардани шароит барои донишомӯзон дар интихоби мавзӯъ ва маводи таълимӣ;
- ташаккул додани хадамоти мушовирони академӣ (мушовир ва тюторҳо) бо мақсади ёрӣ расонидан ба донишҷӯён дар интихоби фанҳо ва омодагӣ ба дарсҳо;
- татбиқи низоми баҳодиҳии сатҳи дониш аз рӯи низоми холӣ-кредитӣ;
- мустақилияти омӯзгорони кафедраҳо ва факултетҳо дар интихоби усулҳои таълим;
- дар синф ба ёрдамчии донишомӯз табдил ёфтани омӯзгор дар раванди таълими мавод;
- татбиқи технологияҳои навтарин ва воситаҳои аёнии электронӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим;
- интихоби омӯзгор ва фанҳо аз ҷониби донишомӯзон;
- имконияти аз як донишгоҳ ба донишгоҳи дигар ва аз як ихтисос ба ихтисоси дигар гузаштани донишҷӯ дар раванди таҳсил.

Бояд гуфт, ки шакли нави таълим таҷҳизоти ҳатмии моддию техникӣ, синфҳои компютерӣ, васоити таълимии чандрасонаӣ, интернет ва телевизиони моҳворавӣ, фонди бузурги китобхонаи электрониро тақозо мекунад. Вале дар шароити буҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ дар Тоҷикистон барои расидан ба ин сатҳ аксар вақт маблағ ҷудо карда намешавад.

Мушкили асосии дигар дар он аст, ки усули асосии назорати дониш дар низоми нав санҷиши компютерӣ мебошад. Дар давоми семестр рейтингҳои миёнаҳафтаина гузаронида мешаванд. Аммо, тавре амалия нишон медиҳад, имтиҳонҳо дониши донишомӯзгонро инъикос намекунанд. Саволҳои тестии чандинтихобӣ дар барномаи таълимӣ мавҷуданд, аз ин рӯ, аксарияти донишҷӯён ҷавобҳои дурустро ба таври механикӣ интихоб мекунанд, аммомаънои онҳоро ба қадри кофӣ амиқ намефаҳманд.

Мафҳуми «кредит», ки дар Тоҷикистон ба номи низоми нави маориф истифода мешавад, воқеан мафҳуми иқтисодӣ аст. Ҳамчун категорияи иқтисодӣ маънои «кредити бонкӣ»-ро дорад, аммо дар низоми маориф ин истилоҳ ба маънои “як воҳиди ченаки эътимод” истифода мешавад. Масалан, агар мо ба нақша гирем, ки ин фан 3 кредит дорад, пас, мо боварӣ дорем, ки баъди хатми дарсҳо аз рӯи 3 кредит тамоми маводи таълимии ба нақша гирифташударо шунавандагон азхуд мекунанд. Ҳамин тавр, "кредит" ё "соати кредитӣ" як категорияи вақтест, ки барои таҳияи маводи таълимии ҳафтаина пешбинӣ шудааст, ки дар давоми як семестр анҷом дода мешавад.

Дар низоми маорифи Амрико як соати кредитӣ ба 50 дақиқа баробар аст. Муаллим ин соатро ҳар ҳафта дар як семестр бо донишҷӯён мегузаронад. Аммо дар низоми маорифи Аврупо як соати кредитӣ дар вақти дарсӣ ва дар вақти барои кори мустақилонаи донишҷӯён ҷудошуда пешбинӣ шудааст.

Дар Аврупо соли хониш аз 40 ҳафта иборат аст. Дар ҷумҳурии мо соли хониш 32-34 ҳафта давом мекунад, ки 192-204 рӯзи таҳсилро дарбар мегирад. Ҳаҷми корҳои мустақилонаи донишҷӯён 60 кредитро ташкил медиҳад. Агар ҳамаи соатҳои кредитиро муқоиса кунем, пас, дар давоми як семестр кори мустақилонаи донишҷуён 30 кредитро ташкил медиҳад, ки ӯ бояд онро анҷом диҳад [5, с. 68-85].

Дар асоси талаботи стандартҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон як соати академӣ барои 45-50 дақиқа пешбинӣ шудааст. Ин муқаррарот инчунин пешбинӣ мекунад, ки як ҳафтаи таълимӣ 54 соати академиро бояд ташкил диҳад. Аз ин соатҳои академии ҷудошуда 27 соаташ дар синфхонаҳо мегузарад. Соатҳои боқимонда, ба ғайр аз дарси тарбияи ҷисмонӣ, кори амалӣ, лабораторӣ ва мустақилонаи донишҷӯ мебошанд [5, с. 68-85].

Муҳаққиқони тоҷик Сангинов Д.Н. ва Салимов Н.С. қайд мекунанд, ки гузаштан ба низоми нави кредитии таълим, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити нав барои татбиқи ин раванд ва мувофиқати инфраструктураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ин низомро тақозо мекунад [9, с. 26].

Онҳо чунин мешуморанд, ки ба амал баровардани дигаргуниҳои куллӣ дар сохтори идоракунии мактабҳои олӣ он қадар осон нест, зеро ин маблағгузории кофиро талаб мекунад,

ки дар навбати худ, кадрҳои баландихтисос ва соҳиби дараҷаю унвони илмӣ доштан лозим аст. Бинобар ин, ба андешаи онҳо, ин раванд бояд ду давраро дар бар гирад.

Давраи якум (давраи гузариш) давраи баъзе дигаргуниҳои куллӣ дар низоми идоракунии мактабҳои олӣ буда, бе он ҷорӣ намудани технологияи нави таълим ғайриимкон аст. Дар сохтори идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, пеш аз ҳама, хадамоти машваратии академӣ ва шӯъбаи бақайдгирӣ (раҳбарӣ) таъсис дода, вазифаҳои функсионалии онҳо бояд муайян карда шаванд. Мақсад аз таъсиси ин сохторҳо ташкили раванди таълим бо назардошти ҳуқуқу озодиҳои донишҷӯён, инчунин назорати аз тарафи онҳо риояи шудани қоидаҳои нави муқарраршуда мебошад. Ҳамин тавр, татбиқи ин тағйироти куллӣ дар сохтори идоракунии мактабҳои олӣ ба самаранок гузаронидани дарсҳо, аз худ намудани мавод аз ҷониби донишҷӯён ва ба баланд бардоштани дониши онҳо мусоидат мекунад [8, с. 27].

Давраи дуюм ин ҳолатест, ки ҳамаи донишгоҳҳо давраи ташкилиро ба итмом расонида, ба татбиқи принсипҳои асосии созишномаи Болония дар донишгоҳҳои худ шурӯъ карданд.

Ҳадафи асосии ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсил дар низоми маорифи Тоҷикистон баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ҷавони соҳибихтисос, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯянд, ба шумор меравад. Коршиносон барои татбиқи бомуваффақияти ин низом зарур мешуморанд, ки дар сохтори идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- таъсиси шӯъбаи маркетинг ва робита бо истеҳсолот;
- ташкили шуъбаи назорат ва таъмини сифати дониш дар муассисаи таълимӣ;
- таъсиси кафедраи магистратура дар мактабҳои олӣ.

Раванди таълим аз рӯи низоми кредитии таҳсилот дар мактабҳои олӣ дар асоси низомномаи (оинномаи) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, нақшаҳои таълимӣ, тақвими академӣ ва ҷадвали тасдиқшудаи дарсҳо сурат гирифта истодааст.

Ҳамин тавр, дар низоми кредитӣ дар ҷараёни таълим худфаъолии худи донишҷӯ дар раванди таҳсилот дар ҷои аввал меистад. Донишҷӯ, магистр мустақилона маводро меомӯзад ва тамоми супоришҳои пешниҳодкардаи омӯзгорро иҷро мекунад. Ин усул ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки аз рӯи маводҳо мустақилона кор кунад ва омӯзгор ҳамчун машваратчӣ амал намояд. Дар ин равиши дар салоҳият асосёфта донишҷӯ малакаҳои салоҳиятнокиро инкишоф медиҳад, ки ӯро аз шунавандаи классикии лексияҳо ва дарсҳо ба субъекти мустақилу фаъоли таълим табдил медиҳад.

Низоми кредитии таълим маъмултарин модели таҳсил дар ҷаҳон аст. Он ба низомҳои таълимии Аврупо ва ИМА мутобиқ карда шудааст, ки муваффақияти ин модели таҳсилро собит кардаанд. Мутаассифона, низоми маорифи Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ташаккули ин модел дар кишвар қарор дорад. Аз ин лиҳоз, дар Тоҷикистон масъалаи ҳамгироии мутобиқи низоми таҳсилоти кредитӣ бо низоми таҳсилоти миллӣ муҳим ба шумор меравад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1.Давыдов, В.В. Учебная деятельность и моделирование/ В.В. Давыдов, А.У. Варданян. Ереван:изд-во Луйс, 1981. -220 с.
2. Демиденко,Ю Э.С. Перспективы образования в меняющемся мире/ Э.С. Демиденко // соц. ИС. – 2005. - №2. – С. 85.
3. Назаров, Р. Философия образования таджикского народа/ Р. Назаров, А.Ш. Курбонов. – Душанбе, 2010. – 216 с.
4. Назаров, Р. Философия качества образования Таджикистана (социально-филосовский анализ) [Текст] / Р. Назаров. – Душанбе: Дониш, 2011. – 320 с.
5. Назаров, Р. Трудности восхождения высшей школы Таджикистан в Болонкский процесс/ Р. Назаров // Вест. Ин-та философии, политологии и права АН РТ. – 2008. - №1. – С. 68-85.
6. Нечаев, В.Я. Параметры глобализации и факторы Болонского процесса/ В.Я. Нечаев // Вест. Моск. ун-та. – 2004. - №4. – С. 27-34.
7. Одинаев, Б. А. Истиқлоли давлатӣ ва таъмини суботи сиёсӣ дар рушди фаъолияти босамари бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.У. Тағдиров, Б.А. Одинаев // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021. – №4(265). – С. 34-38.
8. Сангинова, Д.Н. Теоретические основы и тенденции развития кредитной системы в Ресупублике Таджикистан: автореферат дис... к.п.н. / Д.Н. Сангинов. – Душанбе. 2015, 21 с.

9. Сангинов, Д.С. Кредитная система образования: метод. пособие для вузов/ Н.С. Сангинов, Н.С. Салимов – Душанбе, 2005. - 203 с.
10. Хайдаров, Р.Дж. Развитие Таджикистана в период глобализации/ Р.Дж. Хайдаров. – Душанбе: Ирфон, 2006. - 192 с.
11. Худойдодзода, Ф. Б. Таъмини суботи сиёсӣ дар рушди фаъолияти босамари бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Б. Худойдодзода, Б.А. Одинаев, А.У. Тағдиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 125-131.
12. https://omuzgor-gazeta.tj

**REFERENCES:**

1. Davydov V.V., Vardanyan A.U. Educational activities and modeling [Text] / V.V. Davydov, A.U. Vardanyan. - Yerevan: Luys publishing-house, 1981. - 220 p.
2. Demidenko E.S. Prospects for education in a changing world [Text] / E.S. Demidenko // Series of social sciences. – 2005. - No. 2. – P. 85.
3. Nazarov R. Philosophy of education of the Tajik nation [Text] / R. Nazarov, A.Sh. Kurbonov. – Dushanbe, 2010. – 216 p.
4. Nazarov R. Philosophy of caste education in Tajikistan (socio-philosophical analysis) [Text] / R. Nazarov. – Dushanbe: Knowledge, 2011. – 320 p.
5. Nazarov R. Difficulties in the ascent of higher education in Tajikistan into Bologna process [Text] / R. Nazarov // Bulletin of the Institute of Philosophy, Political Science and Law of the Academy of Sciences of Tajikistan Republic. – 2008. - No. 1. – P. 68-85.
6. Nechaev V.Ya. Parameters of globalization and factors of Bologna process [Text] / V.Ya. Nechaev // Bulletin of Moscow State University. – 2004. - No. 4. – P. 27-34.
7. Odinaev B.A. State independence and ensuring political stability in the development of effective activities of women in Tajikistan Republic [Text] / A.U. Tagdirov, B.A. Odinaev // Bulletin of the Tajik National Academy of Sciences. Department of Social Sciences.–2021. –No. 4(265). - P. 34-38.
8. Sanginova D.N. Theoretical grounds and trends aimed at the development of the credit system in Tajikistan Republic: synopsis of candidate dissertation in pedagogy/D.N.Sanginov.-Dushanbe. 2015,- 21 p.
9. Sanginov, D.S. Credit system of education: manual [Text] / N.S. Sanginov, N.S. Saliov - Dushanbe, 2005.- 203 p.
10. Khaidarov R.J. Development of Tajikistan in the period of globalization [Text] / R.J. Khaidarov. – Dushanbe: Cognition, 2006. - 192 p.